09 07 2019

**Агар баъзе аз хикмат ва масъалахоро бархе дуруст дарк мекунанду хамон тавр шарху тавзех медиханд, то хакикат рӯшани рӯшан бошад, тоифае ё худ гурӯхе онро касдан чилваи дигар медиханд. Бо ин ки медонанд мардумро ба гумрохӣ мекашанд ва аз асли худ дур месозанд.**

Дар кишвари мо аз ин гурӯххо пайдо шуда буданд ва аз хукуку озодихои демократӣ дар ин маврид суиистифода намудан мехостанд. Агар, вокеан, пеши рохи онхо гирифта намешуд ва фаъолияташон расману конунан манъ намегардид, хароина ба бунёди истиклолу вахдати миллии мо рахна ворид месохтанд. Онхо гаразхои сиёсии худро бо ояхо, хадисхо ва хикматхои бузургони олами ислому адабамон асоснок мекарданд.

Бо фитна, ки бадтар аз катл хукм шудааст, ба ахлок ва хамаи арзишхои неки миллӣ, диниву инсонӣ мухолифат меварзиданд.

Бадтар аз ин хама миллат ва давлатро аз миён бурдан мехостанд. Албатта, муваффак нашуданд, чун эхтироми ин арзишхо ва арчгузорияшон аз самтхои мухими сиёсати давлати тозаистиклоли Точикистон махсуб мешуду мешавад. Бешак, ин гурӯху харакатхо чунин сиёсат ва мухаббату эътикоди мардумро таклиди кӯр - кӯрона ва парастиши ниёгону хилофи дини мубини ислом маънидод мекарданд.

Ин гурӯх дар пиёда сохтани сиёсату гаразхои баду нопоки худ таълимдида, тачрибаандӯхта буданд ва имкони зиёди ба сӯи худ кашидани мардум, хосса мардуми содаву ноогох ва чавононро доштанд. Бо маблагхои пулӣ баъзе аз дилхои ноогохонрову имонзаифонро гарм карда низ метавонистанд.

Имрӯз, дар фазои сулху субот ва оромии чомеа мо бештар ба мохияту мухимияти ташаббусхову суханони пурхикмату интихоби рохи дурусту суханони котеонаи Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон сарфахм меравем. Ханӯз шаш сол пеш таъкид доштанд: «Ман бо камоли масъулият мегӯям, ки давлати Точикистон ба хамаи динхо эхтиром мегузорад, вале ба хотири таъмини амният ва оромиву суботи чомеа пеши рохи хама гуна чудоиандозиву тафрикаангезиро котеона хохад гирифт».      Хамчунин, дах сол пеш, яъне соли 2009 Соли бузургдошти пешвои мазхабамон Имоми Аъзам эълон гардид. Ба ин муносибат хамоиши байналмилалии «Имоми Аъзам ва чахони муосир» баргузор шуд. Максад аз ин тачлил ва тадбирандешихои басо мухим бедориву рушди тафаккури милливу динӣ, инчунин, шинохти хакикат, муайян кардани мавкеву нагаравидан ба гурӯххову харакатхои ифротиву тундгаро буд.

Онхо ва хам фиркахое, ки мукобили дину мазхаби мо рӯирост ва низ пинхон набард эълон карда буданд, нахуст эътирози худро ба таклидгарони миллат баён медоштанд. Дар назари аввал, чун кас аз гаразхои баду бозихои пуштипардагӣ огох набошад, хатман ба таклид ва хар чи ба он иртибот мегирад, зид мебарояд. Албатта, ба ин тасаввур, ки миллат бояд пеш биравад ва аз монеаи мавчуда, яъне таклид дурӣ бигузинад.

Халкро таклидашон барбод дод,
Эй дусад лаънат бар ин таклид бод!
Оё андешидем, ки ин байти Мавлоно Чалолиддини Балхӣ борхо истифода гардиду ба хар бор баргалат тафсир шуд? Байти мазкур барои ин гурӯхи сиёхкорон чи кимате дошт, чун оятхои каломи раббонӣ ва хадисхои набавиро дидаву дониста барои ичрои максадхои нопокашон чунин тафсир мекарданд? Дар ин сурат падарону бобоён ва ниёгони шарафманди моро бо таклид гунахкор медонистанд ва санги маломат ба сӯяшон меандохтанд. Чи бадбахт мардуме, миллате мебудем, агар онхо фирӯз мегардиданд ва моро ба куллӣ аз гузаштаи худ чудо менамуданд. Агар як шохаи дарахти мевадорро бибурӣ, он боз хатман панча мезанад, сарсабз мешавад ва бештар мева хохад дод. Аммо агар реша кандаву бурида шавад, умед бар самар намемонад. Ин боз дар холе буду хаст, ки густариши чахонишавӣ ба мо ва миллатамон хавфу тахдиди беандоза дошту дорад. Хукми ояи куръонӣ дар мавриди таклиди ночои мушрикон аст, на мо. Онхо ба эътирози паёмбарон ва хукми худовандӣ изхор медоштанд, ки дар рохи хамвору озмудашудаи ниёгон – падарону бобоёни худ хастем ва аз он барнамегардем. Мо, бешак, аз ин гурӯх нестем. Ниёгонамон хакикати асилу софро дарёфтанд ва моро бо китобу хикмат дуруст рахнамоӣ карданд. Аз он берун кадам ниходану рафтан гумрохӣ, дур шудан аз хакикат аст.
Мардуму миллате, ки рохро нашинохтаанду хидояти дуруст наёфтаанд, махв гаштанду мегарданд. Аз худ бипурсем, ки оё мо дар пояи паёмбар, имоми мазхабамон, имом ал - Бухорӣ ва дигар мутафаккиронамон карор дорем? Бартару бехтар аз хукми раббонӣ хукм карда метавонем? Не, ба хеч вачх.
Пас итоат ва пайравӣ ё худ таклид дар ин маврид мусбат мебошад, на манфӣ. Ин таклидро наметавон кӯр-кӯрона хонду донист.
Мучтахидон ё худ имомони мо, ки дар дониш ба куллахои баланд расида буданд, хамаи тадбирхои дурустро бароямон андешида ва рохандозӣ кардаанд. Пас, пайравӣ ба онхо бояд мояи шараф бошад, на бадномиву кафомондагӣ.
Аллома Мухаммад Икбол, ки худро аз шогирдони Мавлоно Чалолиддини Балхӣ мехисобад, бо арзи мухаббат ва хакикат фармудааст:
Пири Румӣ хокро иксир кард,
Аз губорам чилвахо таъмир кард.
Ӯ мавкеи таклидро дар замонаи инхитот, яъне таназзул аз ичтиход авлотар медонад:
Музмахил (махвшаванда) гардад чу таквими хаёт,
Миллат аз таклид мегирад субот.

Рохи обо рав, ки ин чамъият аст,
Маънии таклид забти миллат аст.

Дар хазон, эй бенасиб аз баргу бор,
Аз шачар магсил ба уммеди бахор...

Накш бар дил маънии тавхид кун,
Чораи кори худ аз таклид кун...

Акли обоят хавасфарсуда нест,
Кори покон аз гараз олуда нест.

Фикрашон ресад хаме бориктар,
Варъашон бо Мустафо наздиктар.

Хамин тавр, мо, хоса чавонон, бояд зираку хушёр бошем, то ба хар васила рохамонро назананду дар банди чахолат асирамон насозанд. Махсусан, дар ин рӯзгор, ки ба фитна хама дархоро мешикананд, бояд бештар огох бошему хакикатро бишносем. Аз хатархои ифротгароиву терроризм биандешем, барои хастии худ, миллат, истиклолият, вахдати миллӣ хамаи тадбирхои заруриро биандешему амалӣ бинамоем.

**Абдулкодири РАХИМ,**
**«Чумхурият»**